Рамзи ҳуҷҷат: **LU83412520**

Юсуфӣ С. Ҷ.
Абдусаматзода З. М.
**Амирзода А. А.**
Муҳиддин Ҳ. Х.
Фарзонаи Эмомалӣ
Ашуриён Ш. С.
Шарифзода З. А.
Рабиев Ш. М.

Барои иҷро

**№"Қ"70**
7 апрели 2026

**Абдуллозода Ҷ. А.**
Вазир

## Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
## ҚАРОР

аз 28 марти соли 2026 № 179

**ш. Душанбе**

Дар бораи Барномаи ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030

Мутобиқи моддаҳои 4 ва 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

1. Барномаи ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Барномаи ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).

2. Вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ амалисозии Барномаи мазкур ва Нақшаи чорабиниҳои онро таъмин намуда, аз натиҷааш ҳар сол то 20 январ ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намоянд.

3. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷараёни амалисозии Барномаи мазкур ва Нақшаи чорабиниҳои он ҳар сол то 10 феврал ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намояд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон

Эмомалӣ Раҳмон

## Правительство Республики Таджикистан
## ПОСТАНОВЛЕНИЕ

от 28 марта 2026 года № 179

**г. Душанбе**

О Программе защиты населения от туберкулеза в Республике Таджикистан на 2026-2030 годы

В соответствии со статьями 4 и 12 Закона Республики Таджикистан «О стратегическом планировании и государственном прогнозировании» Правительство Республики Таджикистан п о с т а н о в л я е т:

1. Утвердить Программу защиты населения от туберкулеза в Республике Таджикистан на 2026-2030 годы и План мероприятий по реализации Программы защиты населения от туберкулеза в Республике Таджикистан на 2026-2030 годы (приложения 1 и 2).

2. Соответствующим министерствам, ведомствам и местным исполнительным органам государственной власти обеспечить реализацию настоящей Программы и её Плана мероприятий и по результатам ежегодно до 20 января предоставлять в Министерство здравоохранения и социальной защиты населения Республики Таджикистан информацию.

3. Министерству здравоохранения и социальной защиты населения Республики Таджикистан ежегодно до 10 февраля представлять в Правительство Республики Таджикистан информацию о ходе реализации настоящей Программы и её Плана мероприятий.

Председатель
Правительства Республики
Таджикистан

Эмомали Рахмон

Замимаи 1
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 28 марти соли 2026, №179

Барномаи ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил дар
Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Барномаи ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 (минбаъд – Барномаи мазкур) бо мақсади коҳиш додани сарбории бемории сил ва пешгирии таъсири манфии он ба рушди умумии иҷтимоию иқтисодии кишвар таҳия гардидааст.

2. Таваҷҷуҳи асосӣ ба ошкорсозии бармаҳали ҳолатҳои бемории сил, табобати босамар бо истифода аз реҷаҳои навтарин, муносибтар ва бехатари табобат, ки ба стандартҳо ва тавсияҳои Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ мувофиқат мекунанд, муносибати ба беморон нигаронидашуда бо расонидани дастгирии молиявӣ, ғизоӣ ва равонӣ, пешгирии интиқоли сироят, пайгирии тамосҳо, табобати сирояти сил ва таъмини назорати сироятӣ дар муассисаҳои тандурустӣ дода мешавад. Ҳамаи ин марҳилаҳо тавассути фароҳам овардани муҳити мусоид, таъмини захираҳо, низоми чандир, устувор ва идоракунии масъулиятнок, таҳкими низоми тандурустӣ, бахусус дар сатҳи кумаки аввалияи тиббию санитарӣ дастгирӣ карда мешаванд. Ин тадбирҳо бо ҳамгироӣ бо муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ, низоми идоракунии устувор, таъмини захираҳо ва фароҳам овардани муҳити мусоид роҳандозӣ мешаванд.

3. Барномаи мазкур таҳлили вазъи эпидемиологии бемории сил, шарҳи дастовардҳо ва мушкилоти давраи гузаштаро дар бар мегирад, инчунин самтҳои стратегӣ ва ҷорӣ намудани онҳоро муайян мекунад. Дар Барномаи мазкур мақсади умумӣ, вазифаҳо ва натиҷаҳои пешбинишаванда барои солҳои 2026-2030 бо дарназардошти тадриҷан афзоиш додани маблағгузории давлатӣ оварда шудааст.

4. Барномаи мазкур ҷанбаҳои молиявӣ, арзёбии эҳтиёҷот, инчунин пешгӯиҳо ва камбудиҳои ошкоршудаи маблағгузории дохилӣ ва беруниро дар бар мегирад. Амалисозии Барномаи мазкур ба шаффофият, устувории ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани самаранокии тамоми чорабиниҳо мусоидат мекунад.

5. Мутобиқи маълумоти солонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи аҳолии кишвар ба ҳолати 1 январи соли 2026 ҳамагӣ 10 720 800 нафарро ташкил дод. Ҳиссаи бештарро шахсони то 25-сола – 51,4 дарсад аз шумораи умумии аҳолӣ, камтарин – 3,4 дарсад шахсони аз 65-сола боло ташкил медиҳанд. Аҳолии шаҳрнишин 28,9 дарсадро ташкил медиҳад.

6. Тибқи маълумоти Бонки Умумиҷаҳонӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қатори кишварҳои даромади миёнаашон паст тааллуқ дорад. Соли 2024 маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ 1407,0 доллари ИМА-ро ташкил дода, соли 2025 ин рақам бо афзоиши солонаи 15,2 дарсад ба 1660 доллари ИМА расид. Тибқи маълумоти Бонки Умумиҷаҳонӣ дар давоми солҳои 2009-2022 сатҳи камбизоатии шадид (камтар аз 2,15 доллари ИМА дар як рӯз) аз 32 дарсад то 10,7 дарсад коҳиш ёфта, дар соли 2024 ин нишондиҳанда 6,1 дарсадро ташкил дод. Сарфи назар аз пешравиҳои назаррас, Тоҷикистон бинобар вобастагии зиёдаш аз интиқоли маблағҳои муҳоҷирони корӣ, ба зарбаҳои берунаи осебпазир боқӣ мемонад. Ҷавонон, ки дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд, 45 дарсади маҷмуи маҳсулоти дохилии кишварро таъмин мекунанд.

7. Масъулияти пурра барои нигоҳдории тандурустии аҳолии мамлакат, аз ҷумла мубориза бо бемории сил ба зиммаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шудааст. Вазифаи мазкурро он дар ҳамкории зич бо мақомоти дахлдори дигари давлатӣ, бо ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва шарикони байналмилалӣ иҷро менамояд.

8. Бо мақсади ҳамоҳангсозии стратегияҳо ва барномаҳои миллӣ, инчунин таҳкими ҳамкории вазорату идораҳо, ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ дар самти пешгирӣ ва мубориза бар зидди ВНМО/БПНМ, бемории сил ва вараҷа дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумитаи миллии ҳамоҳангсозии мубориза бар зидди бемориҳои пайдошудаи норасоии масуният, сил ва вараҷа таъсис дода шуд. Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ назорати амалисозии грантҳои Хазинаи глобалии мубориза бо ВНМО/БПНМ ва сил дар кишварро татбиқ менамояд.

9. Маркази ҷумҳуриявии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил барои банақшагирии оперативӣ ва ҷанбаҳои амалии Барномаи мазкур вобаста ба татбиқ, мониторинг ва арзёбии чорабиниҳои зидди сил масъул мебошад. Барои иҷрои вазифаҳои дар боло зикргардида Маркази ҷумҳуриявии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил ба кори муассисаҳои зидди сили ҷумҳурӣ тавассути тамосҳои доимии идоракунӣ, машваратдиҳӣ, клиникӣ ва методӣ бо мақсади таъмини стандарти ягонаи хизматрасонии зидди сил ба аҳолӣ назорат мебарад.

## 2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ЭПИДЕМИОЛОГИИ БЕМОРИИ СИЛ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

10. Амалисозии Барномаи ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 бинобар пандемияи COVID-19 ба мушкилоти ғайричашмдошт дучор шуд, ки он мисли дигар кишварҳои ҷаҳон боиси коҳиши якбораи бемории сил (31 дарсад дар соли 2020 нисбат ба соли 2019) гардид. Ин коҳиш дар натиҷаи халалдор шудани хизматрасонии тиббии нақшавӣ, коҳиши худмуроҷиати беморон ва чораҳои карантинӣ дар давраи пандемия ба амал омад. Нишондоди бақайдгирии ҳолатҳои бемории сил пеш аз пандемияи COVID-19 дар доираи рақамҳои тахминии Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ буд. Вале баъд аз ҳадди ниҳоии поёнӣ паст шуд.

Тафовут байни рақамҳои тахминии беморшавӣ ба сил ва шумораи ҳолатҳои бори аввал бақайдгирифташуда ва хуруҷи бемории сил дар даҳсолаи охир (2013–2022) аз 19 дарсад то 52 дарсадро ташкил дод.

11. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кам кардани таъсири пандемияи COVID-19 тадбирҳои инноватсиониро амалӣ намуда, барои коҳиш додани хатари сироят ба табобати хонагӣ бартарият дод. Табобати худназораткунӣ ва истифодаи F-DOT (табобати бевосита назоратшаванда дар оила) васеъ карда шуда, ба беморони гирифтори бемории сили ба доруҳо ҳассос 2 моҳ ва ба беморони сили ба дору устувор 1 моҳ дору дода мешуд. Таҳлили маълумот нишон дод, ки сатҳи беморони «аз назорати минбаъда дурмонда» ва «натиҷаи бебарори табобат» афзоиш наёфтааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки иродатмандии беморон ба табобат дар ҳолати мустақилияти беморон беҳтар мебошад (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. Ошкор намудани бемории сил дар солҳо

| **Сол** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | **2024** | **2025** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳолатҳои бемории сил, ҳама намудҳо** | 5976 | 4316 | 4299 | 4421 | 4540 | 4537 | 4160 |
| **Ҳолатҳои нав дар байни ҳамаи намудҳои сил** | 5159 | 3759 | 3787 | 3925 | 4040 | 4151 | 3756 |
| **Ҳолатҳои нав ба 100 000 аҳолӣ** | 56,5 | 40,5 | 40,3 | 39,7 | 40,2 | 40,6 | 36,1 |
| **Кӯдакони <15** | 399 | 236 | 229 | 252 | 268 | 259 | 220 |
| **Ҳолатҳои пештар табобат гирифта** | 817 | 557 | 512 | 496 | 500 | 386 | 404 |

12. Тибқи маълумоти Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ дар соли 2024 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон беморшавии тахминӣ ба ҳамаи ҳолатҳои сил 78 нафар ба 100 000 аҳолӣ, фавт ба 7,0 нафар ба 100 000 аҳолиро ташкил медиҳад (ба истиснои ҳолатҳои сил/ВНМО). Дар байни ҳолатҳои нави ба қайд гирифташуда таносуби занон ба мардон 1:1,2 аст. Тақрибан аз се ду ҳиссаи ҳамаи ҳолатҳои нави бемории сил ба гурӯҳи одамони аз 15 то 44-сола рост меояд. Тибқи ҳисоботи Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ дар солҳои охир шумораи умумии гирифторони бемории сил 8200 нафар боқӣ мондааст, аз ҷумла 2200 нафарро ҳолати бемории сили ба доруҳо устувор ташкил медиҳад.

13. Тибқи маълумоти Маркази ҷумҳуриявии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил дар соли 2025 дар ҷумҳурӣ 4160 ҳолати ҳамаи шаклҳои бемории сил (аз ҷумла дар соҳаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо 3756 нафарро ҳолатҳои нав (36,1 ба 100 ҳазор аҳолӣ) ташкил медиҳад. Тамоюли ба таври назаррас коҳиш ёфтани шумораи беморони нав аз 56,5 ба 100 ҳазор аҳолӣ дар соли 2019 то 36,1 ба 100 ҳазор аҳолӣ дар соли 2025 (ба 20,4 нишондод) ва ба таври назаррас коҳиш ёфтани ҳиссаи беморони қаблан табобатшуда дар байни ҳамаи ҳолатҳои ба қайд гирифташуда (аз 15,8 дарсад дар соли 2019 ба 9,7 дарсад дар соли 2025) мушоҳида мешавад.

14. Нишондоди беморшавӣ ба сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳафт соли охир ба 100 ҳазор аҳолӣ чунин аст:

- 2019 – 56,5;
- 2020 – 40,5;
- 2021 – 40,3;
- 2022 – 39,7;



- 2023 – 40,2;
- 2024 – 40,6;
- 2025 – 36,1.

15. Нишондоди фавт аз бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳафт соли охир ба 100 ҳазор аҳолӣ чунин аст:

- 2019 – 2,2;
- 2020 – 1,4;
- 2021 – 1,3;
- 2022 – 1,0;
- 2023 – 1,0;
- 2024 – 1,1;
- 2025 – 1,0.

16. Дар давраи пас аз COVID-19 коҳиши ошкорсозии бемории сил, аз ҷумла шаклҳои ба доруҳо устувори он дида мешавад. Сарфи назар аз чораҳои андешидашуда нишондодҳо ба сатҳи соли 2019 нарасидаанд. Ҳамзамон, такмил додани равишҳо ба скрининг ва ҷорӣ намудани реҷаҳои кутоҳмуддати табобати даҳонӣ ба коҳиши гирифторшавӣ ба бемории сили ба доруҳо устувор, махсусан дар байни кӯдакон мусоидат намуд (ҷадвалҳои 2 ва 3).

**Ҷадвали 2. Бақайдгирии ҳолатҳои бемории сили ба доруҳо устувор**

| Солҳо | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2025 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳолатҳои сили шуши бо усули бактериологӣ тасдиқшуда | 368 | 266 | 308 | 273 | 250 | 246 | 187 |
| Ҳолатҳои сили шуш бо тасдиқи клиникӣ | 19 | 16 | 16 | 16 | 25 | 26 | 23 |
| Сили ғайришушӣ | 78 | 76 | 54 | 49 | 49 | 21 | 35 |
| Ҳолатҳои сили шуши бо усули бактериологӣ тасдиқшуда | 220 | 150 | 125 | 126 | 115 | 110 | 73 |
| Ҳолатҳои сили шуш бо тасдиқи клиникӣ | 10 | 12 | 6 | 5 | 14 | 3 | 8 |
| Сили ғайришушӣ | 18 | 25 | 24 | 17 | 19 | 16 | 22 |
| Ҳамаи ҳолатҳо | 713 | 545 | 533 | 486 | 472 | 422 | 348 |

**Ҷадвали 3. Маълумоти муқоисавӣ оид ба бемории сил дар байни кӯдакон**

| Кӯдакон (0-15) | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2025 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳолатҳои бемории сил, ҳамаи ҳолатҳо | 404 | 240 | 231 | 257 | 273 | 323 | 220 |
| Дарсади бемории сили кӯдакон дар байни ҳамаи ҳолатҳои сил | 6,7 | 5,5 | 5,3 | 5,8 | 6,0 | 7,1% | 5,3 |
| Ҳолатҳои нав дар байни ҳамаи ҳолатҳои сили кӯдакон | 399 | 236 | 229 | 252 | 268 | 259 | 210 |
| Сили шушӣ дар байни ҳамаи ҳолатҳои сили кӯдакон | 122 | 64 | 55 | 79 | 108 | 155 | 83 |
| Сили ғайришушӣ дар байни ҳамаи ҳолатҳои сили кӯдакон | 282 | 176 | 176 | 178 | 165 | 162 | 137 |
| Сили пардаҳои майнаи сар | 1 | 0 | 0 | 2 | 4 | 7 | 2 |
| Шумораи кӯдакони гирифтори сили ба доруҳо устувор, ҳолатҳои нав ва такрорӣ | 51 | 43 | 22 | 34 | 28 | 16 | 12 |
| Сили шушии ба доруҳо устувор дар байни ҳамаи ҳолатҳои сили ба доруҳо устувори кӯдакон | 17 | 10 | 7 | 9 | 11 | 11 | 6 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Сили ғайришушии ба доруҳо устувор дар байни ҳамаи ҳолатҳои сили ба доруҳо устувори кӯдакон | 34 | 33 | 15 | 25 | 17 | 5 | 6 |
| Ҳолатҳои бемории сили пеш аз ШВМС ва ШВМС аз байни ҳамаи ҳолатҳои сил | 193 | 152 | 108 | 82 | 89 | 75 | 62 |
| Ҳолатҳои бемории сили пеш аз ШВМС ва ШВМС, ки бо усули бактериологӣ тасдиқ шудаанд | 166 | 145 | 104 | 78 | 89 | 75 | 62 |

17. Аз соли 2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон реҷаҳои нави кутоҳмуддати табобати бемории сили ба доруҳо устувор - 6-9BPaL/6BPaLM/C ворид карда шуд, ки ин имконияти ноил гаштан ба муваффақияти мақсадноки табобати бемории сили ба доруҳо устуворро фароҳам овард. Дар соли 2023 сатҳи муваффақияти табобати бемории сили ба доруҳо устувор 82 дарсадро ташкил дод, ки ин нишондод дар соли 2019 ба 78,8 дарсад баробар буд.

18. Камшавии дарёфти бемории сил дар системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ тамоюли бахши шаҳрвандиро инъикос менамояд. Сабабҳои коҳиши сатҳи гирифторшавӣ дар шароити изолятсия дар давраи пандемия норавшан боқӣ мемонад (аз 707,7 ба 100 ҳазор дар соли 2019 то 625,0 дар соли 2025). Барои арзёбии таъсири пандемияи COVID-19 ба вазъи бемории сил дар маҳбасҳо таҳқиқоти иловагӣ лозим аст.

19. Бемории сили бо вируси норасоии масунияти одам алоқаманд бошад, тибқи маълумоти Барномаи муштараки Созмони Милали Муттаҳид оид ба БПНМ/ВНМО (ЮНЭЙДС) дар Тоҷикистон тақрибан 12 480 нафар гирифтори вируси норасоии масунияти одам зиндагӣ мекунанд, ки 84,4 дарсади онҳо вазъи ВНМО-и худро медонанд ва 90,1 дарсад табобати зиддиретровирусӣ мегиранд. Паҳншавии ВНМО дар байни калонсолон (15-49-сола) 0,2-0,3 дарсад арзёбӣ мегардад. 36,4 дарсади тамоми гирифторони ВНМО занон ва 821 нафарро (4,8 дарсад) кӯдакон (0-14-сола) ташкил медиҳанд. Дар Тоҷикистон паҳншавии ВНМО дар байни маҳбусон дар минтақаи Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ дар ҷойи аввал аст ва 3 дарсадро ташкил медиҳад. Ҳиссаи шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда бо сирояти якҷояи гепатити вирусии B то 464 ҳолат (2,7 дарсад), бо гепатити вирусии C 2045 ҳолат (11,9 дарсад) мебошад. Фарогирии муоинаи ВНМО дар байни беморони сил ба 98 дарсад расида, сатҳи мусбат ба 2,1 дарсад мерасад. Ҳамаи беморони гирифтори сирояти сил ва ВНМО барои ҳарду сироят табобат мегиранд.

20. Муҳоҷирони меҳнатии тоҷики ба ватанбаргашта яке аз гурӯҳҳои калидӣ/осебпазир дар Барнома муайян карда шудаанд. Дар давраи пандемияи COVID-19, бинобар баста шудани сарҳад, ҳиссаи муҳоҷирон дар байни беморони нав ба қайд гирифташуда аз 15,5 дарсади дар соли 2019 то 11,8 дарсад дар соли 2020 якбора коҳиш ёфт. Пас аз анҷоми пандемия ҳиссаи муҳоҷирони бемори сил афзоиш ёфта, дар соли 2025 ба 20,1 дарсад расид. Набудани тадбирҳои мақсадноки пешгирӣ ва мубориза бо бемории сил дар шароити муҳоҷирати фаромарзӣ ва серҳаракатии аҳолӣ ба самаранокии Барнома таъсири манфӣ мерасонад. Сарфи назар аз баъзе пешрафтҳо дар



ҳамкориҳои фаромарзӣ байни кишварҳо оид ба бемории сил, он то ҳол нокифоя аст, бахусус аз он сабаб, ки механизмҳои молиявие, ки дастрасии муҳоҷирони меҳнатиро ба хизматрасониҳои тиббӣ дар кишвари қабулкунанда таъмин мекунанд, амал намекунанд.

## 3. ҲАДАФ ВА ВАЗИФАҲОИ БАРНОМАИ МАЗКУР

21. Ҳадафи Барномаи мазкур коҳиш додани сарбории бемории сил ва пешгирии таъсири манфии он ба рушди умумии иҷтимоию иқтисодии кишвар мебошад:

- сатҳи беморшавӣ ба сил то соли 2030 ба 35 дарсад (25,3 ба 100,000 аҳолӣ) нисбат ба соли 2020 коҳиш дода шавад;
- сатҳи фавт аз бемории сил то соли 2030 нисбат ба соли 2020 ба 35 дарсад кам карда шавад.

22. Ҳадафҳои мушаххаси Барномаи мазкур мутобиқи стратегияҳои глобалии Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ оид ба аз байн бурдани бемории сил мураттаб гардида, ба ҳадафҳои Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид мувофиқат мекунанд. Онҳо панҷ самти асосии барномаро (фарогирӣ-табобат-пешгирӣ-устуворӣ-инноватсия) фаро мегиранд. Барномаи мазкур уҳдадор аст, ки стратегияи 90/90/90-ро риоя кунад:

- ошкор намудан ва ба табобат фаро гирифтани 90 дарсади беморони сил;
- ошкор намудан ва ба табобат фаро гирифтани 90 дарсади беморони сили ба доруҳо устувор;
- ноил шудан ба нишондиҳандаи муваффақияти табобат 90 дарсад ва аз ин зиёд барои ҳамаи ҳолатҳои бемории сил.

23. Ҷорӣ намудани стратегияи 90/90/90 бо принсипҳои зерин асоснок карда мешавад:

- ҷонибдории сиёсӣ ва тадриҷан зиёд кардани маблағгузории Барномаи мазкур;
- ҳамкории бисёрсоҳавӣ бо иштироки ташкилотҳои ғайридавлатӣ;
- пайравӣ кардан ба тавсияҳои байналмилалӣ ва стандартҳои Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ;
- ҳимояи ҳуқуқи инсон, баробарии гендерӣ, мубориза бо тамғанокӣ ва табъиз;
- тақвият додани эътилоф бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҷомеаҳои аз сил осебдида.

24. Барои ноил шудан ба мақсадҳои Барномаи мазкур вазифаҳои зерин муайян карда шудаанд:

- таъмини ошкорсозии бармаҳали бемории сил тавассути скрининги мунтазам ва истифодаи рентгенографияи рақамии қафаси сина бо зеҳни сунъӣ ва ташхиси фаврии ҳамаи ҳолатҳои гумонбаршуда ба бемории сил;
- таъмини дастрасии ҳамаҷониба ба табобати босифат ва саривақтии ҳама шаклҳои бемории сил, аз ҷумла бемории сили ба доруҳо устувор, бо додани афзалият ба реҷаҳои кутоҳмуддати табобат ва моделҳои дастгирии мувофиқи ба беморон нигаронидашуда;
- пешгирии бемории сил дар байни шахсони ба сил сироятёфта тавассути

ошкорсозии сариваќтии сирояти ниҳонии сил, таъмини табобати он ва риояи чораҳои самараноки назорати сироят;

- фароҳам овардани шароит ва низоми мусоид барои мубориза бар зидди бемории сил тавассути тақвияти ҷонибдории сиёсии мақомоти ваколатдор, рушди шарикӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таҳкими захираҳои инсонӣ;

- баланд бардоштани самаранокии низоми ошкорсозии сариваќтии бемории сил дар байни аҳолӣ, аз ҷумла тамосдоштагон ва гурӯҳҳои хавфи баланд;

- таъмини дастрасии доимӣ ба хизматрасониҳои босифати ташхиси бемории сил;

- муоинаи бемории сили фаъол бояд аз рӯйи алгоритми миллӣ дар байни ҳамаи маҳбусон ҳангоми ворид шудан ба тафтишгоҳи муваққатӣ на камтар аз як маротиба дар як сол, ҳангоми ворид шудан ва озод шудан мунтазам гузаронида шуда, ҳама тамосдоштагони нави беморони сили ошкоршуда ва кормандони муассисаҳои ислоҳӣ низ мавриди санҷиш қарор мегиранд;

- ташхиси бемории сил дар Тоҷикистон тибқи талабот ва тавсияҳои Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ гузаронида шуда, дар тӯли даҳсолаҳои охир Маркази ҷумҳуриявии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил дастрасиро ба усулҳои ташхиси фаврии бемории сил ва шаклҳои ба доруҳо устувори он беҳтар намуда, санҷишҳои фаврии генетикӣ-молекулавии бемории сил бо муайян кардани ҳассосияти микобактерияи сил ба доруи Рифампитсин (Xpert MTB/RIF Ultra) ҳамчун санҷиши ибтидоии ташхис дар сатҳи ноҳия гузаронида шуда, 100 дарсад аҳолии кишварро фаро гирифт, фарогирӣ ба гузаронидани кишт низ 100 дарсад мебошад;

- вусъат додани гузариш ба реҷаҳои кутоҳмуддати нави табобати 6-9-моҳа бо доруҳои даҳонӣ ва бозбинӣ намудани дастурамали миллии клиникӣ мувофиқи тавсияҳои нави дастрасшудаи Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ;

- афзалият додан ба табобати амбулатории ғайримарказонидашудаи бемори сил аз рӯзи аввал бо моделҳои нигоҳубини ба беморон нигаронидашуда нисбат ба бистарикунонӣ;

- тақвият додани логистика вобаста ба таъмини бефосилаи доруворӣ ва маводи сарфшаванда, идоракунии захираҳо, нигоҳдорӣ ва тақсимоти онҳо.

## 4. САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ БАРНОМАИ МАЗКУР

25. Самтҳои асосии амалигардонии Барномаи мазкур бар асоси таҳлили амиқи вазъи мавҷуда дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, талаботи стратегӣ ва афзалиятҳои сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пешгирии бемории сил муайян гардидаанд. Ҳар самти амалисозии Барномаи мазкур бо дарназардошти хусусиятҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар таҳия шудааст. Ҳар самти Барномаи мазкур бо мақсади мушаххас таҳия гардида, ҷараёни амалисозии он бо коҳиш додани сатҳи бемории сил дар кишвар амалӣ мешавад.

26. Самтҳои асосии амалисозии Барномаи мазкур:

1) дар муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ ва дар ҳама сатҳи соҳаи сил стратегияҳои ташхиси бемории сил мутобиқи стандартҳои



байналмилалӣ ҷорӣ карда мешаванд;

2) ҳисоботдиҳӣ оид ба бақайдгирии ҳолатҳои гумонбаршудаи бемории сил (ТВ 015) дар тамоми шабакаи кумаки аввалияи тиббию санитарӣ ҷорӣ карда мешавад;

3) алгоритми скрининги мунтазами бемории сил барои категорияҳои гуногуни аҳолӣ таҳия ва ворид карда шуда, фарогирии тафтишот дар манбаъҳои алоқамандони сил зиёд карда мешавад ва истифодаи асбобҳои нави скрининги бемории сил, аз ҷумла таҷҳизоти сайёри рентгенӣ, ки бо низоми коркарди тасвири компютерӣ дар асоси зеҳни сунъӣ ҷиҳозонида шуданд, васеъ карда мешаванд;

4) шабакаи озмоишгоҳҳои бемории сил дар саросари ҷумҳурӣ хизматрасонии пайваста, босифат ва сариваќтӣ таъмин менамояд;

5) дар озмоишгоҳҳои соҳаи сил назорати сифат дар ҳамаи сатҳҳо гузаронида шуда, дар байни озмоишгоҳҳои сатҳи гуногун низоми самараноки роҳхат таъсис дода мешавад;

6) байни муассисаҳои ташхисию табобатӣ алоқа таъсис ва ба роҳ монда шуда, беморон сари вақт аз рӯйи реҷаи мувофиқ ба табобат шурӯъ менамоянд;

7) маъракаҳои фаҳмондадиҳӣ барои баланд кардани огоҳии аҳолӣ бо ҷалби иштироки шахсони машҳур ва беморони шифоёфта гузаронида мешаванд;

8) ҳамаи беморони эҳтиёҷманд бо дастгирии мувофиқ (равонӣ, иҷтимоӣ ва молиявӣ) таъмин карда мешаванд;

9) модели расонидани кумаки тиббӣ, ки ба бемор нигаронида шудааст, дар ҳамкории зич бо ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар саросари кишвар дастрас карда мешавад;

10) сифати барномаи зиддисилӣ дар низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ беҳтар гардида, инчунин дастрасии муҳоҷирон ба ташхис ва табобати бемории сил таъмин карда мешавад;

11) истифодаи реҷаи кутоҳмуддати табобати шифоҳиро барои ҳамаи беморони ба меъёрҳо мувофиқ васеъ мекунад;

12) натиҷаҳои табобати бомуваффақияти беморони сил ва шаклҳои ба доруҳо устувори сил аз 90 дарсад зиёд мешаванд;

13) стратегияҳои табобат ва пешбурди ҳолатҳои бемории сил мувофиқи тавсияҳои нави Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ мунтазам нав карда мешаванд;

14) назорати фармакологӣ ва мониторинги фаъоли бехатарии доруҳо дар ҳама сатҳҳо ҷорӣ карда мешаванд;

15) дастрасии бефосилаи доруҳои баландсифати зидди сил таъмин карда мешавад;

16) низоми мувофиқи идоракунии захираҳо ва мониторинги фаъоли бехатарии доруҳои зиддисилӣ таъсис дода мешавад;

17) ҳамоҳангсозӣ байни барномаҳои ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил ва вируси норасоии масунияти одам пурзӯр карда мешавад.

27. Самтҳои асосии амалисозии Барномаи мазкур дар маҷмуъ ба баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии тиббӣ, малакаҳои амалии кормандони тиб,

ки бевосита бо гирифторони бемории сил алоқаманд мебошанд ва барои рушди устувори соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии кишвар заминаи боэътимод мегузоранд.

## 5. НАТИҶАҲОИ ЧАШМДОШТ ВА ХАВФҲОИ ЭҲТИМОЛИИ БАРНОМАИ МАЗКУР

28. Натиҷаҳои чашмдошти Барномаи мазкур инҳо мебошанд:

- маълумот оид ба бемории сил дар ҳамаи сатҳҳо бо сифати баланд ҷамъоварӣ карда мешавад;
- сиёсати кадрии соҳаи тандурустӣ ҷорӣ намудани модели ба беморон нигаронидашудаи кумаки зидди силро, ки пешбурди амбулатории беморонро бо иштироки фаъолонаи кумаки аввалияи тиббию санитарӣ дар бар мегирад, дастгирӣ менамояд ва беҳтар шудани кори муассисаҳои зидди силро нишон медиҳад ва сифати муносиби хизматрасониро таъмин менамояд;
- маҷмуи дастгирии иҷтимоӣ стандартӣ кунонида шуда, ба беморони сил, ки ба меъёрҳои гирифтани чунин кумак мувофиқ мебошанд, пешниҳод карда мешаванд;
- таъминоти бефосилаи тестҳо барои ташхиси скринингии бемории сил, ваксинаи зидди бемории сил (БСЖ) ва доруҳо барои табобати сирояти ниҳонии сил ба таври зарурӣ ба роҳ монда мешавад;
- хатарҳои касбии сироятёбии кормандон дар марказҳои ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил ва ҳуҷраҳои табобати бевосита назоратшаванда бартараф карда мешаванд;
- ҳамаи муассисаҳои амбулаторӣ ва статсионарии зидди сил бо шароити мувофиқ таъмин карда шуда, тамоми чораҳои назорати сироятӣ иҷро карда мешаванд.

29. Натиҷаҳои чашмдошти амалигардонии Барномаи мазкур на танҳо ба рушди устувори низоми ҳифзи иҷтимоии кишвар мусоидат менамоянд, балки барои боз ҳам беҳтару хубтар гардондани сатҳи хизматрасонии тиббӣ ва коҳиш додани фарогирӣ ба ин навъи беморӣ замина мегузоранд. Ин тадбирҳо ба рушди иқтисоди миллӣ, аз ҷумла рушди соҳаи тандурустӣ, таҳкими захираҳои инсонӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии ҷомеа таъсири мусбат мерасонанд.

30. Иҷрои пурраи Барномаи мазкур ба раванди маблағгузории он алоқаманд мебошад. Дар робита ба ин, хавфи эҳтимолӣ барои амалисозии чорабиниҳои Барномаи мазкур ин сари вақт ҷудо нагардидани маблағҳои пешбинишуда мебошад.

## 6. САРЧАШМАҲОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ БАРНОМАИ МАЗКУР

31. Барномаи мазкур дар доираи маблағҳое, ки дар буҷети соҳаи тандурустӣ барои бемории сил пешбинӣ шудаанд, инчунин маблағҳои созмонҳои байналмилалие, ки дар самти пешгирӣ ва табобати бемории сил фаъолият мекунанд ва аз ҳисоби сарчашмаҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, маблағгузорӣ карда мешавад.



32. Маблағи умумии Барномаи мазкур 497 миллиону 968 ҳазору 202 сомониро ташкил медиҳад. Аз ин маблағ 307 миллиону 122 ҳазору 216 сомонӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва 190 миллиону 845 ҳазору 986 сомонӣ аз ҳисоби манбаъҳои ғайрибуҷетӣ пешбинӣ гардидааст (замима мегардад).

## 7. МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБИИ АМАЛИСОЗИИ БАРНОМАИ МАЗКУР

33. Мониторинг ва арзёбии Барномаи мазкур аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

34. Мониторинг ва арзёбии Барномаи мазкур мутобиқи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, №615 «Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани мониторинг ва арзёбии амалишавии ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» гузаронида мешавад.

## 8. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

35. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои таъмини иҷрои самараноки Барномаи мазкур масъулият доранд.

Замимаи 2
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 28 марти соли 2026, №179

## Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Барномаи ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030

| № | Ҳадаф, вазифа, чорабиниҳо | Индикаторҳои таъсир, ҳадафҳо ва вазифаҳо | Нишондиҳандаҳои асосӣ | Бузургии мақсадноки индикатор Мӯҳлати иҷрои чорабиниҳо | | | | | Талабот ба маблағгузорӣ бо (млн ва хазор сомонӣ) | Захираҳои молиявӣ | | Иҷрокунанда | Шарикони рушд |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 2026 | 2027 | 2028 | 2029 | 2030 | | Маблағҳои буҷети давлатӣ | Маблағҳои ғайрибуҷетӣ | | |
| 1. БАЛАНД ГАРДОНИДАНИ САМАРАНОКИИ СИСТЕМАИ ОШКОРСОЗИИ БАРВАҚТИИ БЕМОРОНИ СИЛ ДАР БАЙНИ ТАМОСҲО ВА ГУРӮҲҲОИ ХАВФИ БАЛАНД | | | | | | | | | | | | | |
| 1 | Пурзӯр намудани пайгирии тамосҳо бо беморони сил | Бозбинии дастурамал оид ба пайгирии тамосҳо (гузаронидани ҷаласаҳои корӣ) | | 6 | | | | | 30277442 | 27395198 | 2882244 | ВТҲИА ҶТ/ МҶҲАБС | |
| | | Омӯзишҳо оид ба пайгирии тамосҳо барои кормандони КАТС, кормандони муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, намояндагони ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва ХНДСЭ | | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | | | | ВТҲИА ҶТ/ МҶҲАБС | ФХИ 360 |
| | | Ташрифҳои дастаи пайгирии тамосҳо | | 20 | 20 | 20 | 20 | 20 | | | | ВТҲИА ҶТ/ МҶҲАБС | ХГ |
| | | Муоинаҳои мунтазами профилактикӣ ва хизматрасонии таҷҳизоти рентгенӣ | | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | | | | ВТҲИА ҶТ/ МҶҲАБС | |
| 2 | Беҳтар намудани ҷамъоварии маълумот дар асоси намунаҳои коғазӣ, оғози ҷорӣ намудани вориднамоии шакли (электронии) ТБ015 барои бақайдгирии ҳамаи шахсони эҳтимолияти силдошта | Омузиш оид ба ҷамъоварии маълумот дар асоси ТБ015 | | 20 | 20 | 20 | 20 | 20 | 5445576 | 2849504 | 2596072 | ВТҲИА ҶТ/ МҶҲАБС | ФХИ 360 |
| | | Таъмини шаклҳои коғазии ТБ015 | | 3000 | 3000 | 3000 | 3000 | 3000 | | | | ВТҲИА ҶТ/ МҶҲАБС | |
| | | Таҳияи системаи иттилоотии ҷамъоварии маълумот дар асоси ТБ015 | | | | | | | | | | ВТҲИА ҶТ/ МҶҲАБС | ФХИ 360 |
| | | Ворид намудани махзани электронии маълумот оид ба пайгирӣ ва ташхиси тамосҳо | | | | | | | | | | ВТҲИА ҶТ/ МҶҲАБС | ФХИ 360 |
| | | Омӯзиш оид ба пешбурди махзани электронии пайгирӣ ва ташхиси тамосдоштагон | | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | | | | ВТҲИА ҶТ/ МҶҲАБС | ФХИ 360 |
| | Беҳтар кардани сифати ташхиси бемории сил дар байни маҳбусон | Гузаронидани мониторинги муассисаҳои зидди сили системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ | 19 | 19 | 19 | 19 | 19 | 19 | 1347168 | 779288 | 567881 | ВТҲИА ҶТ/ МҶҲАБС | Каритас Тоҷикистон |
| 3 | Беҳтар кардани сифати ташхиси бемории сил дар байни муҳоҷирон | Ҳамкорӣ бо раёсати муҳоҷират, Ташкилоти байналмилалӣ оид ба муҳоҷират, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ. Гузаронидани мизҳои мудаввар | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | 7402329 | 4384149 | 3018180 | ВТҲИА ҶТ/ МҶҲАБС | |
| | | Пурзӯр намудани фаъолияти гурӯҳи кории бисёрсоҳавӣ оид ба тарғиботи (адвокатсия) масоили сил ва муҳоҷират. Гузаронидани ҷаласаҳои корӣ | | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | | | | ВТҲИА ҶТ/ МҶҲАБС | |
| | | Ташкил намудани омӯзиш барои намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ, ки барои татбиқи лоиҳаҳо оид ба сил ва муҳоҷират ҷалб шудаанд | | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | | | | ВТҲИА ҶТ/ МҶҲАБС | StopTB |
| | | Харидории тестҳои ташхисии зери пӯст (туберкулин/ диаскинтест, сӯзандоруҳо) | | | | | | | | | | ВТҲИА ҶТ/ МҶҲАБС | StopTB |

| | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 4 | Гузаронидани ташхиси бемории сил дар байни шахсони дорои нишон-додҳои муайяни тиббӣ | Гузаронидани омӯзиши кормандони тиб | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | 345044 | 86604 | 258440 | ВТҲИА ҶТ/ МҶҲАБС | StopTB |
| | | Гузаронидани ташхиси бемории сил (аз ҷумла муоинаи рентгенӣ) дар байни шахсони дорои нишондодҳои муайяни тиббӣ | 190000 | 200000 | 210000 | 220000 | 230000 | 240000 | | | | ВТҲИА ҶТ/ МҶҲАБС | ФХИ 360, StopTB |
| **2. ТАЪМИНИ ДАСТРАСИИ ДОИМӢ БА ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БОСИФАТИ ТАШХИСИ БЕМОРИИ СИЛ** | | | | | | | | | | | | | |
| 5 | Беҳтар намудани ошкорсозии ҳолатҳои бемории сил тавассути ҷорӣ намудани алгоритми ташхисӣ дар сатҳи КАТС | Бозбинии барномаҳо ва маводи омӯзишӣ оид ба усулҳои ташхиси бемории сил барои табибони КАТС (ҷаласаҳои гурӯҳи корӣ) | | 6 | | 6 | | 6 | 17224595 | 9007748 | 8216847 | ВТҲИА ҶТ/ МҶҲАБС | |
| | | Гузаронидани омӯзиш барои кормандони КАТС оид ба истифодабарии алгоритми ташхисии бемории сил (аз ҷумла ташхиси бемории сил дар кӯдакон бо истифодаи намунаҳои фазла), тренингҳо (як омӯзиш барои ҳар як ноҳия дар як сол, шумораи ноҳияҳо - 66) | | 66 | | 66 | | 66 | | | | ВТҲИА ҶТ/ МҶҲАБС | StopTB |
| | | Гузаронидани ташрифҳои мониторингӣ ва менторӣ дар сатҳи КАТС барои баҳодиҳӣ ва дастгирии ҷорӣ намудани алгоритми ташхисӣ, як ташриф дар як сол: ҳамагӣ 66 ташриф/66 ноҳия | | 66 | 66 | 66 | 66 | 66 | | | | ВТҲИА ҶТ/ МҶҲАБС | ФГ |
| | | Таҳияи механизмҳои ҳамгирой кардани озмоишгоҳҳои зидди сил ба Шабакаи миллии озмоишгоҳҳои тиббӣ ва истифодаи платформаҳои мавҷудаи санҷиш барои санҷиши бисёрплатформавӣ барои бемориҳои гуногун (маҷмуъкунонӣ). | | | 1 | | | | | | | ВТҲИА ҶТ/ МҶҲАБС | |

| | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Маблағгузории 2 мушовири беруна оид ба ҳамгирой | | | | | | | | | | | |
| | | Таҳия ва тасдиқи созишнома ва харитаи роҳ оид ба ҳамгирой кардани бемориҳои гуногун. Маблағгузории 2 мушовири беруна оид ба ҳамгирой (40 рӯзи корӣ) | | | 1 | | | | | | | ВТҲИА ҶТ/ МҶҲАБС | |
| 6 | Низоми харид, нигоҳдорӣ, тақсимот ва мониторинги лавозимот ва молҳои лабораторӣ | Бозбинӣ/навсозӣ ва ҷорӣ намудани дастур (дастурамали миллӣ) барои идоракунии занҷири таъминоти лавозимоти лабораторӣ, аз ҷумла назорати самараноки харид ва захираҳо, таҳияи нақшаи миллии харид дар асоси маълумоти тахминкардашуда ва баҳодиҳии миқдор (гурӯҳи корӣ, 6 ҷаласа дар як сол) | | | 6 | | | | 6258393 | 3278116 | 2980276 | ВТҲИА ҶТ/ МҶҲАБС | |
| | | Таҳия ва ҷорӣ намудани нақшаи миллӣ ва маҳаллӣ оид ба интихоб, харид, нигоҳдорӣ, тақсим ва мониторинги лавозимот ва ашёи лабораторӣ | | 1 | | | | | | | | ВТҲИА ҶТ/ МҶҲАБС | |
| | | Анҷом додани хариди саривақтӣ ва таъминоти бефосила бо реактивҳои лабораторӣ ва маводи сарфшаванда барои ташхиси бемории сил (ҳамасола) | | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | | | | ВТҲИА ҶТ/ МҶҲАБС | ФГ |
| | | Таъмини тақсимоти саривақтии лавозимот ва ашёи лабораторӣ. Хароҷоти роҳкиро (Интиқол аз ОМР ба вилоятҳо, 2 маротиба дар як сол) | | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | | | | ВТҲИА ҶТ/ МҶҲАБС | |
| | | Ворид намудани модул ба ЛИМС барои идоракунии электронии лавозимоти лабораторӣ ва маводи сарфшаванда. Таҳияи модули | | 1 | 1 | | | | | | | ВТҲИА ҶТ/ МҶҲАБС | ФХИ 360 |

| | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | ЛИМС (1 мутахассиси ТИ, 10 рӯзи корӣ) | | | | | | | | | | | |
| | | Омӯзиши кормандони озмоишгоҳҳои вилоятӣ оид ба истифодабарии модул барои идоракунии электронии лавозимоти лабораторӣ ва маводи сарфшаванда (6 омӯзиш дар як сол) | | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | | | | ВТҲИА ЧТ/ МЧҲАБС | ФХИ 360, ФГ |
| | | Баланд бардоштани тахассуси кормандони тамоми зинаҳои озмоишгоҳҳои бемории сил дар идоракунии молҳои лабораторӣ. Таъмини тартиб додани ҳисоботи ҳармоҳа. Омӯзиш дар сатҳи вилоятӣ (6 омӯзиш дар як сол) | | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | | | | ВТҲИА ЧТ/ МЧҲАБС | ФХИ 360, ФГ |
| | | Гузаронидани мониторинги иҷрои нақшаи интихоб, харид, нигоҳдорӣ, тақсимот ва мониторинги лавозимот ва молҳои лабораторӣ. Мониторинг дар сатҳи марказҳои зиддисилии ноҳиявӣ (66 ташрифи мониторингӣ дар 1 сол, 3 мутахассис) | | 66 | 66 | 66 | 66 | 66 | | | | ВТҲИА ЧТ/ МЧҲАБС | ФХИ 360, ФГ |
| | | Таъсис ва таъмини фаъолияти системаи идоракунии сифат барои лавозимот ва молҳои лабораторӣ (унсури системаи идоракунии сифат) | | | | | | | | | | ВТҲИА ЧТ/ МЧҲАБС | ФХИ 360, ФГ |
| 7 | Таъмин намудани озмоишгоҳҳо бо кадрҳои баландихтисос | Гузаронидани баҳодиҳӣ/таҳлили эҳтиёҷоти ҷорӣ ва оянда захираҳои инсонӣ, аз ҷумла муайян кардани маҳсулнокии кор ва эҳтиёҷот ба омӯзиш (як мутахассис, 10 рӯзи корӣ) | | 1 | | | | | 9186187 | 4781561 | 4404626 | ВТҲИА ЧТ/ МЧҲАБС | ФХИ 360, СУТ, ФГ |
| | | Тайёр кардани ҳисобот дар бораи арзёбӣ/таҳлили натиҷаҳо ва пешниҳод намудани онҳо ба озмоишгоҳҳои манфиатдор ва | | 5 | 5 | 5 | 5 | 5 | | | | ВТҲИА ЧТ/ МЧҲАБС | ФХИ 360, СУТ, ФГ |

| | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | шарикон. Семинар бо ташрифҳо ба вилоятҳо (Омӯзишҳои ҳарсола) | | | | | | | | | | | |
| | | Таъмини афзоиши доимии иқтидори лабораторияҳои бемории сил бо омӯзиш (кормандони нав) ва бозомӯзӣ (омӯзишҳои ҳарсола 4 маротиба дар як сол дар сатҳи вилоятӣ, ҳамагӣ 20 омӯзиш) | | 20 | 20 | 20 | 20 | 20 | | | | ВТҲИА ЧТ/ МЧҲАБС | ФХИ 360, СУТ, ФГ |
| | | Гузаронидани ташрифҳои мураббигӣ дар маҳалҳо барои кормандон чиҳати баланд бардоштани тахассуси онҳо (12 ташриф дар як сол, мутахассисон) | | 12 | 12 | 12 | 12 | 12 | | | | ВТҲИА ЧТ/ МЧҲАБС | ФХИ 360, СУТ, ФГ |
| | | Таъмини иштироки кормандони озмоишгоҳҳои бемории сил дар барномаи табодули дониш дар конфронсҳои миллӣ ва байналмилалӣ (иштирок дар 4 конфронси байналмилалӣ ҳар сол (2 иштирокчӣ) | | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | | | | ВТҲИА ЧТ/ МЧҲАБС | ФХИ 360, СУТ, ФГ |
| | | Татбиқи системаҳои назорати самаранок ва арзёбии салоҳияти кормандони озмоишгоҳҳо (ташрифи мутахассисони сатҳи миллӣ ба минтақаҳо, ташрифҳо ба 20 муассиса ҳар сол) | | 20 | 20 | 20 | 20 | 20 | | | | ВТҲИА ЧТ/ МЧҲАБС | ФХИ 360, СУТ, ФГ |
| | | Гузаронидани омӯзиш барои омӯзгорон барои озмоишгоҳҳои вилоятии бемории сил бо мақсади таҳкими иқтидори таълимӣ ва баҳодиҳии салоҳияти кормандони лабораторияҳои ноҳиявӣ (омӯзишҳои ҳарсола/ 6 омӯзиши 3-рӯза) | | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | | | | ВТҲИА ЧТ/ МЧҲАБС | ФХИ 360, СУТ, ФГ |
| | | Бозбинӣ /навсозӣ /, таҳияи маводи омӯзишӣ дар шакли электронӣ ва дастурамалҳои озмоишгоҳ барои омӯзиши | | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | | | | ВТҲИА ЧТ/ МЧҲАБС | |

| | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | муттасил ва рушди иқтидор (60 рӯзи корӣ, ҳар сол) | | | | | | | | | | | |
| | | Бозбинӣ/навсозии вазифаҳои техникии кормандони озмоишгоҳҳои вилоятӣ ва ноҳиявӣ, ки вазифаҳои навро ба монанди менеҷери сифат ва корманди бехатарии биологӣ пешбинӣ мекунанд (коршиносон, 30 рӯзи корӣ, ҳар сол) | | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | | | | ВТҲИА ҶТ/ МҶҲАБС | |
| | | Ҷорӣ намудан ва мониторинги системаи назорати саломатии кормандони лабораторияи бемории сил (маводи сарфшаванда ба буҷети умумии тестҳо ва мавод дохил карда шудаанд) | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | | | | ВТҲИА ҶТ/ МҶҲАБС | |
| 8 | Таъмини кори доимии озмоишгоҳҳои бемории сил тавассути нигоҳдории мунтазами инфрасохтор ва таҷҳизот | Бозбинӣ/навсозии сиёсат ва барномаи нигоҳдории инфрасохтори лабораторӣ ва таҷҳизот (коршиносон, 40 рӯзи корӣ) | | 1 | | | | | | | | ВТҲИА ҶТ/ МҶҲАБС | |
| | | Бозбинӣ/навсозии нақшаҳои ҳарсола бо буҷет оид ба хизматрасониҳои инфрасохтор ва таҷҳизоти озмоишгоҳҳои бемории сил (гурӯҳи корӣ, 4 ҷаласа дар як сол) | | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | | | | ВТҲИА ҶТ/ МҶҲАБС | |
| | | Навсозии мунтазами (ҳарсола) феҳристи электронии таҷҳизоти лабораторӣ ва хизматрасонии асосии онҳо дар сатҳи миллӣ | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 6479585 | 3855456 | 2624130 | ВТҲИА ҶТ/ МҶҲАБС | |
| | | Таҳияи барномаи омӯзишӣ оид ба хизматрасонии профилактикӣ барои омӯзиши кормандони озмоишгоҳҳо оид ба таҷҳизоти лабораторӣ ва гузаронидани омӯзиш дар ҳамаи шабакаи озмоишгоҳӣ (як мутахассис, | | | 1 | | | | | | | ВТҲИА ҶТ/ МҶҲАБС | ФХИ 360, СУТ, ФГ |

| | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 10 рӯзи корӣ) | | | | | | | | | | | |
| | | Бозбинӣ/навсозии ТАС (тартиби амалиёти стандартӣ) оид ба ҳамаи таҷҳизоти озмоишгоҳҳои бемории сил барои ҷорӣ намудани СИС (системаи идоракунии сифат) (гурӯҳи корӣ, 2 вохӯрӣ дар як сол) | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | | | | ВТҲИА ҶТ/ МҶҲАБС | |
| | | Гузаронидани мониторинг/ менторинг барои баҳодиҳии ҳолати (истифода ва маҳсулнокӣ) инфрасохтор ва таҷҳизот дар тамоми шабакаи озмоишгоҳӣ. Ҳар нимсола (66 ташрифи мониторингӣ) | | 66 | 66 | 66 | 66 | 66 | | | | ВТҲИА ҶТ/ МҶҲАБС | ФХИ 360, СУТ, ФГ |
| | | Ҳамкорӣ бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои таъсис додани маркази миллӣ оид ба хизматрасонӣ ва таъмири инфрасохтор ва таҷҳизоти озмоишгоҳӣ барои шабакаи миллии озмоишгоҳӣ (аз ҷумла озмоишгоҳҳо барои ташхиси бемориҳои дигар) (омӯзишҳои ҳарсола/4 ҷаласа дар як сол | | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | | | | ВТҲИА ҶТ/ МҶҲАБС | |
| | | Таъмин намудани дастгирии дастрасӣ ба пайвастшавӣ барои мониторинги фосилавии инфрасохтор ва таҷҳизоти озмоишгоҳҳои бемории сил (мониторинг тавассути ЛИМС (СИИО)) | | | | | | | | | | ВТҲИА ҶТ/ МҶҲАБС | ФХИ 360, СУТ, ФГ |
| | | Ба имзо расонидани шартнома байни Барномаи миллии зидди сил ва муҳандисон ё ширкатҳои хизматрасонии сертификатсияшуда барои хизматрасониҳои профилактикии ҳарсолаи | | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | | | | ВТҲИА ҶТ/ МҶҲАБС | |

| | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | таҷҳизот ва системаҳои ҳавотозакунӣ (1 мутахассис, 60 рӯзи корӣ) | | | | | | | | | | | |
| 9 | Барои муносибгардонии санҷиши ҳассосияти доруҳо, аз ҷумла барои доруҳои наби зидди сил беҳтар намудани инфрасохтори шабакаи озмоишгоҳии бемории сил барои ташхиси бемории сил | Азнавсозии озмоишгоҳи вилоятии Деҳмой ва Кӯлоб аз дараҷаи бехатарии биологии «хавфи миёна» ба «хатари баланд» | | 1 | | | | | 10604000 | 3711400 | 6892600 | ВТҲИА ҶТ/ МҶҲАБС | ФГ |
| | | Навсозии системаи вентилятсия дар Озмоишгоҳи миллии референсӣ | | 1 | | | | | | | | ВТҲИА ҶТ/ МҶҲАБС | ФГ |
| | Беҳтар намудани маҳсулнокии лабораторияҳои «хавфи миёна» ва «хавфи баланд» | Гузаронидани омӯзиш барои кормандони озмоишгоҳҳои минтақавии Деҳмой ва Кӯлоб оид ба гузаронидани санҷиши ҳассосият ба доруҳои қатори 1 ва 2 барои пурра фаро гирифтани вилоятҳо (4 маротиба дар як сол дар сатҳи вилоят) | | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | 870089 | 439170 | 430919 | ВТҲИА ҶТ/ МҶҲАБС | ФХИ 360, СУТ, ФГ |
| | | Татбиқи барномаи машваратии семоҳа барои озмоишгоҳҳои вилоятӣ аз ҷониби Озмоишгоҳи миллии референсӣ | | | | | | | | | | ВТҲИА ҶТ/ МҶҲАБС | ФХИ 360, СУТ, ФГ |
| | | Беҳтар намудани имконияти назорат ва ташхиси устуворӣ ба доруҳо тавассути баланд бардоштани иқтидори кишвар барои анҷом додани секвеникунонии мақсадноки геномии M.tuberculosis бо таъмини саривақтии реагентҳо/маводи сарфшаванда ва таҳкими иқтидори зарурии техникӣ (гузаронидани таҳқиқот) | | | 1 | | | | | | | ВТҲИА ҶТ/ МҶҲАБС | ФХИ 360, СУТ, ФГ |

| | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
